# ИМТИЁЗ БА КИҲО ДОДА МЕШАВАД?

Дар ИМД барои гурӯҳҳои муайяни довталабон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳо муқаррар гардидаанд (ба ҷадвали 11 нигаред). Имтиёз ба довталабон пас аз пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дар ҳолати гирифтани холҳои гузариши фаннӣ аз ҳамаи субтестҳои дахлдор, ки онҳоро ҳар сол Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, дода мешавад.

**Довталаби муҳтарам!** Барои соҳиб шудан ба имтиёзҳо вобаста ба гурӯҳҳои шаҳрвандони имтиёздор шарту талабот муқаррар гардидааст, ки аз инҳо иборатанд:

1) дар вақти бақайдгирӣ пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани имтиёз;
2) мувофиқи хулосаи комиссияи тиббӣ-меҳнатӣ манъ карда нашудани таҳсил барои довталабони маъюби гурӯҳҳои 1-ум ва 2-юм дар ихтисос(ҳо)-и интихобкарда;
3) то синни 21 будани ятимони кулл ва бепарасторон;
4) тавсияномаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба довталаб барои имтиёз ё ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ин мақомот оид ба ҳуқуқи довталаб ба имтиёз;
5) мувофиқати дастоварди довталаб ба самт ё ихтисос(ҳо)-и интихобкарда, аз ҷумла:
   - ғолибият дар олимпиадаҳои фаннӣ;
   - медалҳои тилло, нуқра ва аттестат (шаҳодатнома)-и равиявӣ аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ танҳо дар сурати мувофиқат ба фанни асосии имтиҳони ихтисос(ҳо)-и интихобкарда;
   - дастовардҳои соҳаи санъат танҳо барои ихтисосҳои соҳаи санъат;
   - дастовардҳои соҳаи варзиш танҳо барои ихтисосҳои соҳаи варзиш;
6) олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявию байналмилалӣ, ки довталабон дар онҳо ғолибият ва ё дастовард доранд, бояд дар соли имтиҳонӣ гузаронида шуда бошанд. Яъне дастовардҳои довталабон танҳо дар сурате ба инобат гирифта мешаванд, ки онҳоро дар давоми соли таҳсиле, ки имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавиро месупоранд, соҳиб шуда бошанд;
7) аз баргузории озмуну фестивалҳои тахассусии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии соҳаи санъат, ки довталабон дар онҳо ғолибият доранд, дар соли ИМД бояд аз 2 сол бештар нагузашта бошад;
8) дуруст ва дақиқ пешниҳод кардани маълумот дар бораи ҷойи зист ва муассисаи таълимие, ки довталаб дар он таҳсил мекунад ё онро хатм кардааст (барои довталабони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва коллеҷҳои тиббӣ, ки барои илова кардани коэффитсиент ба натиҷаашон ҳуқуқ доранд);
9) иштирок дар имтиҳонҳо ва гирифтани холҳои гузариши фаннӣ аз ҳамаи субтестҳои дахлдор, ки ҳар сол аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мегардад.

*<u>**Эзоҳ:**</u> Агар довталаб ҳамзамон ба якчанд гурӯҳи имтиёздор дохил шавад, яъне барои гирифтани чанд имтиёз ҳақ дошта бошад, ба ӯ бали имтиёзии баландтарини муқарраршуда дода мешавад.

Ба довталабони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва коллеҷҳои тиббӣ, ки дар соли имтиҳонсупорӣ хатмкардаи муассисаҳои таълимии ноҳияҳои ба онҳо коэффитсиент ҷудошуда мебошанд ва ҳам истиқоматкунандаи ҳамин ноҳияҳоянд, коэффитсиентҳо пешбинӣ шудааст.

Довталабони мазкур, ки ҳам ба гирифтани коэффитсиентҳои ба балҳои бадастовардаашон иловашаванда ва ҳам ба дигар имтиёзҳо ҳуқуқ доранд, дар сурати зиёд будани бали имтиёзияшон аз бали коэффитсиент бали имтиёзиро ва дар акси ҳол, балҳоро аз ҳисоби коэффитсиент соҳиб мегарданд.

Довталабони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи гирифтани коэффитсиентро доранд, дар сурати соҳиб гаштан ба холҳои гузариши фаннӣ аз ҳамаи субтестҳо ба балҳои аз қисми Б бадастовардаашон коэффитсиент татбиқ мешавад.

Довталабони коллеҷҳои тиббӣ, ки ҳуқуқи гирифтани коэффитсиентро доранд ва ихтисоси “Кори момодоягӣ”-ро интихоб намудаанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати соҳиб гаштан ба холҳои гузариши фаннӣ аз ҳамаи субтестҳо ба балҳои аз қисми Б бадастовардаашон коэффитсиент татбиқ мешавад.

Қимати коэффитсиентҳоро ҳар сол Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа менамояд.

Ҷадвали 11.

**Ҷадвали имтиёзҳо дар ИМД-2015**

| № | Имтиёзҳо | Балҳои иловагӣ |
|---|---|---|
| *1.* | *Шахсоне, ки ба натиҷаи ниҳоияшон 150 бал илова мешавад:* | |
| 1.1. | Маъюбони гурӯҳҳои 1-ум ва 2-юм (аз ҷумла, нобиноёни соҳиби истеъдоди фавқулода), ки мувофиқи хулосаи тиббӣ-меҳнатӣ таҳсили онҳо дар ихтисосҳои интихобкардаашон манъ карда нашудааст (тибқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ). | 150 |
| 1.2. | Ятимони кулл (бе падару модар) ва бепарасторон бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ. | 150 |
| *2.* | *Шахсоне, ки ба натиҷаи ниҳоияшон 100 бал илова мешавад:* | |
| 2.1. | Шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо медали тилло ва аттестат (шаҳодатнома)-и универсалӣ хатм намудаанд. | 100 |
| 2.2. | Шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро аз рӯйи равияҳо (гурӯҳи фанҳо)-и табиию риёзӣ ё гуманитарӣ-ҷамъиятӣ бо медали тилло ва аттестат (шаҳодатнома)-и равиявӣ хатм намудаанд, дар сурати мувофиқати ин дастовард ба фан (ё фанҳо)-и асосии имтиҳонии ихтисос(ҳо)-и интихобкарда. | 100 |
| 2.3. | Ғолибони олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз фан (ё фанҳо)-и асосии имтиҳонии ихтисос(ҳо)-и интихобкарда соҳиби медали ҷойи якум ва тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштаанд. | 100 |

| № | Имтиёзҳо | Балҳои иловагӣ |
| --- | --- | --- |
| 2.4. | Ғолибони олимпиадаҳои байналмилалии фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (ба истисноии озмунҳои фосилавӣ), ки аз фан (ё фанҳо)-и асосии имтиҳонии ихтисос(ҳо)-и интихобкарда соҳиби медали ҷойи якум ва тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштаанд. | 100 |
| 2.5. | Ғолибони озмуну фестивалҳои тахассусии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии соҳаи санъат бо тавсияномаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар сурати мувофиқати дастоварди ду соли охир ба ихтисос(ҳо)-и аз равияи санъат интихобкарда). | 100 |
| 2.6. | Аъзои дастаҳои яккачини варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандагони унвони "Номзади устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Устоди варзиши дараҷаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ё "Устоди шоистаи варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон" (дар ихтисосҳои самти варзиш ва бе маҳдудияти соли дастоварда). | 100 |
| *3.* | *Шахсоне, ки ба натиҷаи ниҳоияшон 75 бал илова мешавад:* | |
| 3.1. | Шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо медали нуқра ва аттестат (шаҳодатнома)-и универсалӣ хатм намудаанд. | 75 |
| 3.2. | Шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро аз рӯйи равияҳо (гурӯҳи фанҳо)-и табиию риёзӣ ё гуманитарӣ-ҷамъиятӣ бо медали нукра ва аттестат (шаҳодатнома)-и равиявӣ хатм намудаанд, дар сурати мувофиқати ин дастоварда ба фан (ё фанҳо)-и асосии имтиҳонии ихтисос(ҳо)-и интихобкарда. | 75 |
| 3.3. | Ғолибони олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз фан (ё фанҳо)-и асосии имтиҳонии ихтисос(ҳо)-и интихобкарда соҳиби медали ҷойи дуюм ва тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштаанд. | 75 |
| 3.4. | Ғолибони олимпиадаҳои байналмилалии фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (ба истисноии озмунҳои фосилавӣ), ки аз фан (ё фанҳо)-и асосии имтиҳонии ихтисос(ҳо)-и интихобкарда соҳиби медали ҷойи дуюм ва тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштаанд. | 75 |
| *4.* | *Шахсоне, ки ба натиҷаи ниҳоияшон 50 бал илова мешавад:* | |
| 4.1. | Ғолибони олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз фан (ё фанҳо)-и асосии имтиҳонии ихтисос(ҳо)-и интихобкарда соҳиби медали ҷойи сеюм ва тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштаанд. | 50 |
| 4.2. | Ғолибони олимпиадаҳои байналмилалии фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (ба истисноии озмунҳои фосилавӣ), ки аз фан (ё фанҳо)-и асосии имтиҳонии ихтисос(ҳо)-и интихобкарда соҳиби медали ҷойи сеюм ва тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштаанд. | 50 |

! **Балҳои имтиёз ба натиҷаҳои имтиҳонҳои танҳо довталабони имтиёздоре илова карда мешавад, ки онҳо аз ҳамаи субтестҳои дахлдор холҳои гузариши фанниро ба даст овардаанд.**